Раҳим Амини Қубодиёнӣ

# ШАСТ АНДАР ШАСТ

Душанбе-2007



Раҳим Амин

с. 2006

Государственная
199424
Баук2

## Пешгуфтор.

Замоне, ки Раҳим Амин ба арсаи адабиёт кадам ниҳод, дар шеъри тоҷик дигаргуниҳои чашмрас падид меомаданд. Дар солҳои 60-уми асри XX дар бӯстони ада-биёти тоҷик насими тозае мевазид, ки ба хусус барои навниҳолону гулҳои наврас хеле гуворо буд.

Раҳим Амин аз зумраи он навниҳолони боғи адабиёт буд, ки аз дарахтону ниҳолони пурбод сабақ гирифта, аввалин самарҳоро ба бор меоварданд, ки аз офаридаҳои пешиниён тафовут доштанд.

Ашъори шоирони ҷавони умедбахш Мӯъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва амсоли онҳо, ки аз умумигӯӣ дурӣ ҷуста, майл ба тасвирҳои мушаххас ва навпардозӣ доштанд, ба эҷоди навқаламон таъсири судманд мерасонданд. Аз ин ҷост, ки аввалин сурудаҳои Раҳим Амин мисли ҳамқаламонаш Гулназар, Сайдалӣ Маъмур, Ҳақназар Ғоиб, Ҳабибулло Файзулло, Гулрухсор, Аскар Ҳаким, Н. Ниёзӣ бо тозагиҳои нигоҳи шоирона ба табиат, ишқу зиндагӣ таваҷҷӯҳи хонандагонро ҷалб менамуданд.

Дар шеърҳои аввалин шоири ҷавон Раҳим Амин тасвирҳои мушаххасу тоза ҷои асосиро мегиранд. Масалан, дар тасвири кокулони дилбар шоири ҷавон мушоҳидаҳои тоза дорад:

*Ду даста мушкмӯи ту*
*Фитода аз ду сӯи ту,*
*Расида бар ду рӯи ту,*
*Ба пеши доманат зада*
*Чу маст тоб мехӯрад…*

Ҳатто, дар сурудаҳои ошиқонаи ӯ на умумигӯӣ ва иборабу ифодаҳои қолабӣ, ки аксари ашъори ишқии шоирони муосири моро фаро гирифтааст, балки тасвирҳои мушаххасу бикр бартарӣ доранд:

*Рӯ ба рӯям омадӣ вақти саҳар,*
*Рост истодӣ ба пеши чашми ман.*
*Дастатон аз чӣ хунук аст ин қадар?*
*Пурсидӣ, ҷонам, гирифта дасти ман.*
*Дилбаро, дастом гузору дил бигир,*
*Гармии, дастам дар он пинҳон бувад.*
*Оташи ишқат нагирам рӯи каф,*
*Он даруни синаам сӯзон бувад.*

Раҳим Амин аз суннатҳои устувори шеъри форсу тоҷик, ки дар тухми қарнҳо сайқал ёфтаанд, огоҳии хуб дорад ва барои ифодаи эҳсоси андешаҳои худ бештар аз онҳо истифода мебарад. Аз навъҳои кӯҳани шеър, хушбахтона, ғазал ва рубой солҳои охир ривоҷи тоза пайдо карда, ҳамнафаси замон қадам мезанад. Вале навъҳои дигари шеъри классикӣ ҳастанд, ки имрӯз фаромӯш шудаанд ва ё камтар таваҷҷӯҳи шоиронро ҷалб менамоянд. Қасида аз ҳамин зумра навъҳои шеър аст,ки ҳарчанд бештар дар маҳду ситоиш ба кор мерафт, вале ин имкони ифодаи андешаҳои ахлоқиву фалсафиро низ дорад, ки қасидаҳои Рӯдакиву Носири Хусрав далели онанд. Раҳим Амин низ сайъ намудааст, ки дар ин қолаби овозадори шеъри классикӣ асар офарад.

Қасидаи «Дурри Ватан» комилан ба талаботи ин навъи шеър ҷавобгуй буда, ҳам хусусиятҳои мадҳӣ ва ҳам ҷанбаҳои фалсафиро дорост. Дар ин шеър, ки аз 25 байт иборат аст, шоир меҳнати пахтакоронро ситоиш намуда, як зумра тасвирҳои шоирона офаридааст. Сабки нигориш, тамкину шукӯҳи суханони шоир низ қасидаи классикиро ба ёд меорад:

*Гӯё, фуруд омада истора бар замин,*
*Монанди осмон шуда саҳро ситоразор.*
*Бинӣ ҳазор даст бар он дасти пахтачин.*
*Дасте ситорабар шуда, дасте ситорабор...*

Раҳим Амин махсусан дар навиштани қитъа маҳорати зиёд ба харҷ додааст. Ӯ суннатҳои қитъасароиро идома дода барои иродаи маъниву мазмунҳои баланд, ки маҳсули мушоҳидаҳои тозаанд, корбайт намудааст. Маҳз бо кӯшишу талошҳои ӯ ин навъи шеър умри дубора пайдо мекунад.

Ашъори Раҳим Амин зиёд нест. Ӯ танҳо ба тақозои дил, барои иродаи ифодаи маъниву тасвирҳои тозаву бакр қалам ба даст мегирад, аз ин ҷост, ки маҷмӯви ҳозир харчанд масъули заҳмати беш аз сисолаи ӯст, ҳаҷман калон нест ва он чун қитъаҳои ӯ пурмӯҳтавою пурмаънианд ва як ҷаҳон андешаву эҳсосро фаро мегирад.

***Мирзо Муллоаҳмадов***
***Доктори илми филологӣ,***
***профессор***

## ШАСТИ ҲАЁТ

Мамадаминов Мамараим (Раҳим Амин) 24 июли соли 1946 дар деҳаи Гузари болои ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Соли 1964 мактаби миёнаи ба номи Рӯдакии ноҳияи Қубодиёнро хатм карда, ҳамон сол ба факултаи таъриху филологияи Университети Давлатии Тоҷикистон ба номи Ленин (ҳоло Донишгоҳи Миллии Давлатии Тоҷикистон) дохил мешавад ва онро соли 1969 хатм мекунад.

Мамадаминов Мамараим дар давраи донишҷӯӣ муҳассили фаъоли ҷамъиятӣ буд. Панҷ сол ба гурӯҳи ташкилоти иттифоқи касаба ва чор сол ба маҳфили «Адибони ҷавон»-и Университет сарварӣ кардааст. Студентони ҳамон давра, дар ёд доранд, ки Мамадаминов Мамараим аз тариқи телевизион маҳфили «Адибони ҷавон»-ро бо иштироки шо-

иру нависандагони машҳур басо шавқовару сабақандар мебурд ва худ шеърҳо мехонд.

Мамадаминов Мамараим ҳанӯз аз нимаи курси панҷӯм барои кору фаъолият расман ба рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» (ҳоло «Ҷавонони Тоҷикистон) даъват мешавад. Мавсуф то 11 июли соли 1975 дар ҳамин Идораи рӯзнома фаъолият карда, то ба мудирии шӯъба бо тасдиқи Кумитаи Марказии Комсомоли Ҷумҳурӣ расидааст.

Мамадаминов Мамараим аз 14 июли соли 1975 фаъолияти журналистии худро дар Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (он вақт назди Совети Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба ҳайси муҳаррири калони Идораи ҷамъиятию сиёсии радио – масъули радиожурнали ҳаҷвию танқидии «Сӯҳбати дӯстон» шурӯъ мекунад. Вай дар ин вазифа то моҳи майи соли 1983 кор карда, ба чандин

ифтихорномаю мукофотҳо, аз ҷумла ба Ифтихорномаи Кумитаи давлатии телевизион ва радиои СССР (Ба муносибати 50 солагии телевизиони СССР (1931-1981) сазовор гаштааст.

Мамадаминов Мамараим аз моҳи майи соли 1983 аз тариқи ҳарбӣ ба хизмат даъват мешавад. Вай то моҳи июни соли 1985 дар Ҷумҳурии Демократии Афғонистон (ҳоло Ҷумҳурии Исломии Афғонистон) ба ҳайси тарҷумони ҳарбӣ хизмат кардааст. Вай аз ин хизмати Ватан бо ордени «Ситораи сурх» ва медалҳо баргашта, боз ба кори журналистӣ шурӯъ мекунад. Чандин сол дар маҷаллаи «Занони Тоҷикистон» (ҳоло «Фирӯза») мудири шӯъба, котиби масъул шуда кор кардааст. Дар рӯзномаи «Нидори ранҷбар» ба ҳайси мудири шӯъба, дар АМИТ «Ховар» низ чун тарҷумону муҳаррир муддате фаъолият намудааст.

Мамадаминов Мамараим аз моҳи марти соли 2003 барои барқарор карда-

ни радиожурнали ҳачвию танқидӣ даъват мешавад. Мамамдаминов Мамараим бо тахаллуси Раҳим Амин ҳамчун шоир аз соли 1964 инчониб шинохта мешавад. Шеърҳояш дар рӯзномаҳои «Комсомоли Тоҷикистон» (ҳоло «Ҷавонони Тоҷикистон»), «Газетаи муаллимон» (ҳоло «Омӯзгор») ва маҷаллаи «Шарқи сурх» (ҳоло «Садои Шарқ») борҳо чоп ва аз тарафи хонандаҳо пазируфта шудаанд. Солҳои охир аз чакидаҳои илҳоми Раҳим Амини Қубодиёнӣ дар рӯзномаҳои «Паёми Душанбе», «Чархи гардун» барин матбуоти даврӣ чоп шуданд.

Шеърҳояш дар маҷмӯаҳои дастҷамъӣ ба табъ расидаанд.

Инак, шаст шеъри Раҳим Амини Қубодиёнӣ, ки дар солҳои мухталиф эҷод шудаанд, ба муносибати 60 солагиаш тақдими хонандагон мегарданд.

***Идигул Раҷабова,***
***рӯзноманигор***

# ДУРРИ ВАТАН

## *ЗАБОНИ МОДАРӢ*

*Забони модарии мо дарӣ аст,*
*Ба шир омехта бас шаккарӣ аст.*
*Дар он оҳангҳои чашмасорон,*
*Равон монанди дарёҳо сарӣ аст.*
*Ба ҳиммат кӯҳро монад каломаш,*
*Ба қиммат мисли кори заргарӣ аст.*
*Дар он ҳам қаҳрҳои паҳлавонист,*
*Дар он ҳам хандаҳои дилбарӣ аст.*
*Ҳаме меҳри Ватан хезад зи ҳарфаш,*
*Ба вазни «Шоҳнома» лашкарӣ аст.*
*Ба ҳарфаш деҳқонон дона пошанд,*
*Забони хокпошу сарварӣ аст.*
*Зи даврони Авасто то ба имрӯз,*
*Забони модарии минбарӣ аст.*
*Сухан гуфтаст бо он Оли Зардушт,*
*Каломаш сураи пайғамбарӣ аст.*
*«Ҳаво», «Одам», «Амин»*
*андар забонҳо,*
*Намози халқҳоро доварӣ аст.*

*Суруди нангу ори ориёнист,*
*Барои пайкари миллат саре аст.*
*Ҳазорон сол бигзашту валекин*
*Забон равшан чу меҳри ховарӣ аст.*
*Зи гаҳвора танинандоз то гӯр*
*Суруди Рӯдакию Анварӣ аст.*
*Гурезон аст шайтон аз каломаш,-*
*Дар он афсунгариҳои парӣ аст.*
*Раҳо шуд ин забон аз ҳар балоҳо,*
*Балогардонаш инсонпарварӣ аст.*
*Ҷаҳон ҳамчун даҳон асту забонаш*
*Чу тоҷикӣ забони ҷавҳарӣ аст.*
*Аз ин рӯ то Замин ҳасту Замон ҳаст*
*Забони Тоҷикистон модарӣ аст*

С.2006

## *МАНЗИЛИ УҚОБОН*

*Тоҷикистони ман кӯҳистон аст,*
*Қуллааш манзили уқобон аст.*
*Кӯҳро бо футӯҳ мебинам,*
*Доманаш пуршукӯҳ мебинам.*
*З-ин сабаб рӯз медамад аз кӯҳ,*
*Домани субҳ мерасад аз кӯҳ.*
*Абр ҳам аз сари қуллааш хезад,*
*Барф ҳам аввал аз сараш резад.*
*Синааш доимо бувад пурганҷ,*
*Кина не дар дилаш, не ранҷ.*
*Доманаш пурчаман бувад доим,*
*Қоматаш сӯи осмон қоим.*
*Офтоб аввалин зарраи нураш,*
*Аввалин меҳру қатраи дураш*
*Бар сари қуллаи баланд мерезад,*
*Аз сараш, аз бараш баланд мехезад.*
*Тоҷикистони ман кӯҳистон аст,*
*Қуллааш манзили уқобон аст.*

*С. 2005*

## *ДАРЁИ НУР*

*Дар Пули Сангин, миёни Кӯҳи Нор,*
*Вахши саркаш ром шуд, дар банд шуд.*
*Дар дили сангин, миёни кӯҳсор,*
*Дасти садҳо Кӯҳкан пайванд шуд.*

*Кори садҳо Бесутун боло гирифт,*
*Кӯҳ дар фарёд аз Фарҳод шуд.*
*Нури чашми одамон дарё гирифт,*
*Баҳри Норак, барқгоҳ бунёд шуд.*

*Нур мерезад зи мавҷи оби Вахш,*
*Рӯҳ мехезад зи авҷи оби Вахш.*
*Нӯҳ агрегат ба гардиш омада,*
*Кӯҳ бистезад ба печу тоби Вахш.*

*Ин ҳама бори гарони Вахшро*
*Корвони шаҳсутунҳо мебарад.*
*Оташи дилҳои гарми тоҷикон*
*Аз диёре бар диёре меравад.*

*Сохтмони ГЭС-и Рогун интизор,*
*Чашмҳо аз Сангтӯда нурбор.*
*Вахш меболад зи бори ҳимматаш,*
*Медавад ҳамчун саманди шаҳсавор.*

*Тоҷикистон, барқро гаҳворай,*
*Кӯдакат дарёю нурат беҳисоб.*
*Тоҷикистон, роҳи нуристон шавӣ,-*
*Сарзамини ҳамнишини офтоб.*

*С.2005*

## ФАРИШТАИ СОЛ

*Чун фаришта аз самои нилгун,*
*Аз бари чархи барини пурфусун,*
*З-остони моҳу хуршед, ахтарон,*
*Гирди гардун сайр карда навҷавон,*
*Соли Нав омад ба мулки тоҷикон.*

*Дар раҳи худ кошта барфи сафед,*
*Кӯлвори армуғонаш пурумед,*
*Ба дари ҳар хонадон сар мезанад,*
*Меҳмони қадрдон дар мезанад,*
*Соли Нав омад – ҷавони паҳлавон.*

*Аз қудумаш мамлакат гирад шукӯҳ,*
*Аз русумаш базму бозию футӯҳ,*
*Арча аз меҳраш чароғон мешавад,*
*Одамон бишкуфта хандон мешаванд,*
*Соли Нав омад чу султони ҷаҳон.*

*Соли Нав бар кишварам иқболи нав,*
*Мурғи нусратҳои моро боли нав.*
*Тоҷикистонро бувад парвози нав,*
*Сӯи фардо боз як оғози нав,*
*Соли Нав омад ба мулки зарфишон.*

*С.2005*

## *ДУРРИ ВАТАН*
### *(Қасида)*

*Илҳоми шоир ояд аз сайри пахтазор?*
*Ку қудрате, ба назм кашад*
*дурри пахтакор.*
*Ку ҳиммате, ба азм занад хома*
*бар варақ,*
*Бофад матои шеъраш аз пахта*
*тор-тор?*
*Гӯӣ, баҳор омада дар фасли*
*тирамоҳ,*
*Бишкуфта пахтазор суманвор*
*дар баҳор.*
*Ҳар як ниҳоли пахта пур аз*
*шаддаи сафед,*
*Аз пунба мӯҳра кардаву аз*
*гӯза гӯшвор.*
*Ҳар гӯза чун садаф бувады*
*пахтааш гуҳар,*
*Лабрез аз гуҳар шуда саҳрои*
*беканор.*

*Дар ҳар ниҳол шонаву гул ҷилва*
*мекунад,*
*Гӯӣ ҳазор шона бар он мӯи гулъузор.*
*Оре, баҳор омада дар фасли*
*тирамоҳ,*
*Ҳар ғӯза ёд оварад аз фасли*
*киштукор.*
*Ояд ба ёд меҳнати пурфайзи деҳқон,*
*Ҳомуну дашт карда аз бозуяш*
*обшор.*
*Бар даштҳои сӯзон панҷа ба*
*ранҷ зад,*
*Домони даштро шуда ҳар панҷа*
*ҷӯйбор.*
*Деҳқон чӣ сон ба обу арақ*
*пунбадона кишт,*
*К-аз обу аз арақ ҳама ҷо гашт*
*киштзор.*
*Чун донаи умед – чигит неш зад*
*ба сар,*
*Деҳқон ба сар давид зи кораш*
*умедвор.*

*Дар роҳи селу жолаву дар роҳи*
*боди тунд*
*Чун кӯҳи сарфарози худ истод*
*устувор,*
*Нахли мурод парварид аз меҳнати*
*ҳалол,*
*Ҷуз меҳнати ҳалол киро бошад*
*ифтихор?*
*Ранҷаш аҷаб муфарраҳу ганҷаш*
*муяссар аст,*
*Аз меҳнати ҳалол ҳама ёбад эътибор.*
*Бингар кунун, ту ганҷи ҳамон ранҷи*
*деҳқон,*
*Ҳар пахта дар ниҳол чу ёқути обдор.*
*Водӣ ба водӣ бигзару бо чашми дурбин*
*Саҳрои пахта бингару саҳрои зарнисор.*
*Гӯӣ, фуруд омада истора бар замин,*
*Монанди осмон шуда саҳро ситоразор.*
*Бинӣ, ҳазор даст бар он дасти*
*пахтачин,*
*Дасте ситорабар шуда, дасте*
*ситорабор.*

*Пур карда пешдоман дилдори маҳҷабин*
*Ояд суруд хонда бо нагмаи ҳазор.*
*Хонад суруди меҳнату хонад*
*суруди тӯй,*
*Аз шавқи пахтачинӣ рухсора чун анор.*
*Зулфони тобдораш аз тоби гайрат аст,*
*Аз нӯшбоди меҳнат чашмош пурхумор.*
*Омад кунун замони ҳашар баҳри*
*пахтакор,*
*Ғундор ганҷи сармад, эй деҳқони*
*бахтиёр!*
*Бигзор пои гайрату бардор аз замин*
*Маҳсули ранҷу меҳнати худ, ганҷи*
*бешумор!*
*Лабрез кун аз ин зари худ хирмани*
*Ватан,*
*То осмон барор зарат мисли кӯҳсор!*
*Бинмо ба шаъни ин Ватану халқу ин*
*диёр*
*Ҳар кӯҳи ганҷ – пахтаи худ кохи ёдгор!*

*С. 1976*

## *МАРЗИ КИШВАР*

«Агар бинӣ набошад, чашм чашмро мехӯрад»

***(мақоли халқ)***

*Гар набошад хатти бинӣ чашм*
*хӯрад чашмро,*
*Чашмхӯриҳои одам аз хати*
*бесарҳад аст.*
*Шукри таърих, шукри чашмон,*
*шукри ин даврони нек,*
*Ки Ватанро марз ҳасту марзааш як*
*давлат аст.*
*Халқ пурзӯру тавоно гашта бо*
*Сулҳу Салоҳ,*
*Олами дилҳо кушояд миллате*
*беиллат аст.*
*Баҳри ёру дӯстон дарвозааш*
*бикшодааст,*
*Ҳар кучое ошёна остона сарҳад аст.*

*Зер кардан остонро дӯстонро норавост,*
*Халқҳоро остони дӯстӣ як сармад аст.*
*Марзаи сабзаш шуда ҳамчун миёнбанди*
*Замин,*
*Шукри давлат, ки заминрову замонро*
*қувват аст.*

*С.2004*

## АНДОЗ БИПАРДОЗ!
### (Эҳдо ба сохторҳои андоз)

*Бозори ҷаҳон бингару колои замон бин,*
*Бар қиммати ҳар мол шуда чун*
*гуҳар андоз,*
*Андоз бипардоз!*

*Бозор само гаштаву колош чу ахтар,*
*То чашм сиёҳӣ назанад шуд қамар андоз,*

*Андоз ба парвоз.*

*Ин растаи дӯкон ва ё шаддаи марҷон?*
*Дар ришта кашидаст ҳама симу*
*зар андоз,*
*Андоз аз огоз.*

*Ҳар як зану духтар сари бозор нишаста,*
*Бозори занон аст ба ҳар сӯ назар андоз,*

*Андоз назарбоз.*

*Андӯхтану тохтану сӯхтанаш бин*
*Аз сарвату аз меҳнату аз ҷигар андоз,*

*Андоз пур аз ноз.*

*Андозгарон вола нагарданд ба ишва,*
*Эй, молфурӯш, ин хатари ишқ дар андоз,*

*Андоз пур аз роз.*

*Аз чӣ ту гурезию ситезӣ кунӣ ҳилла?*
*Аз доманакат боз кашад бехабар андоз,*

*Андоз барад боз*

*Бозор пур аз меваю аммо на дарахте,*
*Гардида дар ин боғ дарахти самар*
*андоз,*

*Андоз самарсоз.*

*Ин дидаву нодида гирифтан ба чӣ*
*маънӣ?*
*Монанди асоест ба ҳар кӯру кар андоз,*

*Андоз чу шаҳбоз.*

*Пинҳон натавон гашт аз ин чашми*
*ҳақиқат.*
*Дар хонаву дар кӯчаву дар ба дар андоз,*

*Андози ту анбоз.*

*Ҳам сӯзаду ҳам созаду ҳам мекунад*
*обод*
*Чун оташу чун об ба ҳар хушку тар*
*андоз,*

*Андоз- даву тоз.*
*То поянҷ давлат шаваду мулк бақодор*
*Бо қатраю бо зарра дар ин баҳру*
*бар андоз,*

*Андоз бипардоз!*

*С.2006*

## ВОРИСИ РАҲБАРОН
### (Эҳдо ба раиси ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон)

*Ба шаҳри Қубоди Каён як замон*
*Буда тахтнишини шаҳаншоҳиён,*
*Қадамгоҳи Тӯси лашкаркашон,*
*Ба наҳри Амуе чу Хусрав равон,*
*Шумоед имрӯз сарвар бар он,*

*Дар ин хоки поке, ки як водӣ аст,*
*Басо хуррамию ободӣ аст,*
*Миёни ду кӯҳ рӯҳи Фарҳодӣ аст,*
*Ба халқе, ки аз меҳнаташ шодӣ аст,*
*Ситода Шумо чун Кӯҳи Ғозиён,*

*Ба аълосифат пахта шӯҳратфизо,*
*Расад кӯҳи пахта ба авҷи фазо,*
*Ки ҳар пағааш одамонро ғизо,*
*Ба деҳқони меҳнатқарин ҳаббазо!*
*Биҷӯшед гоҳе чу Кофарниҳон,*

*Замини қадимии Бохтар бувад,*
*Агар меҳр Хатлон, вай ахтар бувад,*
*Эмомиалӣ гар ба кишвар бувад,*
*Дари Тоҷикистон мунаввар бувад,*
*Аз он нур гирад раҳи раҳбарон,*
*Шумо бар Қубоди Каён пуштибон,*

*Соли. 2006*

## ИН ҶО ДУШАНБЕ
### *( Ба таҷлили Рӯзи радио)*

*Ҳар саҳар аз мавҷ меояд садо. Ин садо:*
*«Ин ҷо Душанбе – пойтахти тоҷикон».*
*Мавҷ мехезад ба мавҷи радио*
*Аз Душанбе – тахти бахти тоҷикон.*

*Мавҷ мерезад ба мавҷи радио*
*Аз лаби дарё, лаби Боми Ҷаҳон.*
*Бо каломи Тоҷикистон меравад*
*Аз лаби водӣ, лабони одамон.*

*Дар каломаш мавҷи меҳнат, сур ҳаст,*
*Дар саломаш эътиқоди дӯстист.*
*Дар паёмаш набзи дилҳо ҷӯр аст,*
*Дар сурудаш хандаҳои зиндагист.*

*Радио омад ба мулки кӯҳсор,*
*Рӯҳи тоҷик низ дар парвоз шуд.*
*Чун мунодӣ рафт бар ҳар хонадон,*
*Халқҳоро ҳамдаму ҳамроз шуд.*

*Радио шуд минбари Халқу Ватан,*
*Дар забонаш достони миллат аст.*
*Эътибораш, эҳтиромаш шуд баланд,*
*Радио ҳамчун забони Миллат аст.*

*... Субҳи содиқ медамад дар кӯҳсор,*
*Офтоб аз қуллаҳо сар мекашад.*
*Аз дара резад садои обшор,*
*Мавҷҳоро нуқрасон дар мекашад.*

*Ин замон аз мавҷ меояд садо. Ин садо:*
*«Ин ҷо Душанбе – пойтахти тоҷикон».*
*Мавҷ мехезад ба мавҷи радио*
*Аз Душанбе – тахти бахти тоҷикон.*

*С.1981*

## *НИШОНИ ДУХТАРИ ТОҶИК*

*Тоқии заррин ба сар чун тоҷи заррин*
*ҷилвагар,*
*Медурахшад гӯшвора чун меҳру маҳ аз*
*ҳар ду бар.*

*Кокулони анбарафшон рақсу бозӣ*
*мекунанд,*
*Зулфҳои тобнокаш турктозӣ мекунанд.*

*Мӯҳраҳо гирди баёзи гарданаш меҳр*
*оваранд,*
*Дона – дона васл гашта гӯиё сеҳр*
*оваранд.*

*Ҳар ду абрӯ з-ӯсма рангинкамонӣ*
*мекунанд,*
*Баҳри сайди ошиқон таҳдиди ҷонӣ*
*мекунанд.*

*Сурмаи чашмони ӯ сад чашмро барҳам*
*занад,*
*Як нигоҳи пурхумораш мастро аз ҳам*
*канад.*

*Куртаи атлас ба қомат бас қиёмат*
*мекунад,*
*Аз баҳори васли инсонҳо ишорат*
*мекунад.*

*Ҳар касе бинад варо гӯяд, ки: -*
*Тоҷикдухтар аст,*
*Як нишони миллати тоҷик, насли*
*модар аст.*

*С.2006*

# И Ш Қ И
# Ҷ А В О Н Ӣ

*Ба ҳар ҷо духтарони гулъузорон*
*Зи ҳусни хештан оташ фурӯзанд.*
*Биорояид базми маҳфили ишқ,*
*Биафрӯзанд оташ худ бисӯзанд.*

С.1964

*Ду даста мушкмӯи ту*
*Фитода аз ду сӯи ту,*
*Расида бар ду рӯи ту,*
*Ба пеши доманат зада*
*Чу маст тоб мехӯрад,*

*Ду баста мушкмӯи ту*
*Чу қалби хушккоми ман,*
*Тапидаву бисӯхта*
*Зи нобранг рӯи ту*
*Чу ташна об мехӯрад.*

С.1967

*Ишқ мисли резатиллоҳои рег*
*Дар биёбонҳои тафсон мешавад.*
*Дар лаби баҳр аст, дар ҳар санги кӯҳ,*
*Ё ба қаъри хок пинҳон мешавад.*

*Ишқ мисли резатиллоҳои рег*
*Медурахшад дар ниҳоди одамон.*
*Сарвати дил бошаду ганҷи ҳаёт,*
*Давлати ҷовид бувад бар ошиқон.*

*Ишқро чун резаи тилло зи рег*
*Пок карда ошиқон тилло кунанд.*
*Ошиқон монанди заршӯён ба меҳр*
*Ишқро аз хоку гил пайдо кунанд.*

*С.1967*

*Чаро, ҷонам, гаҳе ой*
*Ба мавҷи ҷилва афтода,*
*Ду рӯ чун гунча бикшода*
*Намоӣ шӯхиву ханда?*

*Гул аз гулдастаам канда,*
*Бари гӯшат биёвезӣ.*
*Магар асрори қалбамро*
*Аз он гул хоҳӣ пурсидан:*
*Ба кӣ ман боз гул додам?*
*Ба кӣ ман боз дил додам?*

*С.1966*

*Саҳар аз хоби худ бархез*
*Ба гирди хонаат бингар:*
*Нишаста нақши пои кист?*
*Нишоне аз вафои кист?*
*Зи худ бегона гардида*
*Дар ин ҷо ошнои кист?*
*Ки шабро рӯз кард ин ҷо*
*Ба ёди васл зори кист?*
*Парешон гашта хокистар*
*Ту бингар аз сигори кист?*
*Ва шояд ёди ман созӣ,*
*Даме бо ман бипардозӣ.*

*С.1966*

*Пайкарат гар ларзад аз сармои сахт,*
*Ёд аз хуршеди тобон мекунӣ.*
*Пайкарат гар тафсад аз гармои сахт*
*Хешро дар соя пинҳон мекунӣ.*
*Хушк гардад оби дарёе агар*
*Сӯхтадил бӯса бар соҳил занем.*
*Гар замин ҷунбад, биҷунбад осмон,*
*Аз замину осмон ёд оварем*

*С.1965*

*Ба ман шабҳои бехобӣ ато кун,*
*Ба ман ҳам дард беҳ, ҳам худ даво кун.*
*Маро танҳо нишон дар гӯшаи ҳаҷр,*
*Фақат бо ёди васлат ошно кун.*
*Ба ман ту бӯсаҳои бекарон деҳ,*
*Ба ман ту гиряе деҳ, ханда зояд,*
*Ба ман ту давлате деҳ, то дер пояд.*

*С. 1968*

*Ду лаб монанди ҷоми айш пурмай*
*Зи ду дилдодае пайваст гардид.*
*Ду панҷа ҳамдигарро сахт бифшурд,*
*Ду чашм аз васли ёрон маст гардид.*
*Вале ду дил даруни синаҳо монд*
*Ба чандин сарзаниҳо, оҳу вайло:*
*-Чаро бори муҳаббат мо кашему*
*Набӯсем аз чӣ асло ҳамдигарро?*

*С.1965*

*Рӯ ба рӯям омадӣ вақти саҳар*
*Рост истодӣ ба пеши чашми ман.*
*-Дастатон аз чӣ хунук аст ин қадар?-*
*Пурсидӣ, ҷонам, гирифта дасти ман,*
*-Дилбаро, дастам гузору дил бигир,*
*Гармии дастам дар он пинҳон бувад.*
*Оташи ишқат нагирам рӯи каф,*
*Он даруни синаам сӯзон бувад.*

*С.1964*

*Мудом аз дур дида дилбарамро*
*Қадам бо шавқ бар сӯяш гузорам.*
*Саломаш дода дасти нозукашро*
*Миёни панҷаҳоям мефишорам.*
*Агарчанде, ки мо аз шарм тафсон*
*Ба назди ҳамдигар будем хомӯш,*
*Валекин дастҳои ошиқона*
*Намояд ҳамдигарро сахт оғӯш.*

*С.1965*

*Ба ҳар ҷо сар кашад оташ*
*Ба тарфи домани хуршед.*
*Ба ҳар ҷо раҳнамун аст об*
*Ба ёди баҳр бо уммед.*
*Ба ҳар ҷо пораоҳанҳо*
*Ба сӯи қаҳрабо ояд.*
*Ба ҳар ҷо ошиқи мискин,*
*Ба уммеди вафо ояд.*

*с.1965*

*Рафтӣ чу турнаҳо зи дили сӯгвори ман,*
*Будӣ баҳор бо ману бурдӣ баҳори ман.*
*Чун кӯҳҳо қарор будам дар вафову меҳр,*
*Будӣ қарор бо ману бурдӣ қарори ман.*
*Он кӯчаҳои мову ту холист дар назар,*
*Холиву пурсукут раҳи интизори ман.*
*Рафтӣ чу оби чашмаву чун ашки*
*чашми ман,*
*Эй ишқи аввалини ману чашмасори ман!*

*С.1969*

*Чил кокули мушкини ту*
*Чилбур шуда бар гарданам.*
*Чил риштаи пайвастае*
*Бо риштаи ҷону танам.*
*Чил кокули зебои ту*
*Чил раҳ ба кӯю манзил аст.*
*Чил ҷӯя борони баҳор*
*Бар боғи уммеди ман аст.*
*с 1968.*

*Ба тори дил мазан беҳуда нохун,*
*Парастиш кун дили дилпарварамро.*
*Лаҷоми бегамии худ раҳо кун,*
*Азизам, бар гами ман ханда манмо.*

*Биёмӯз ибрате аз дидагонат,*
*Ба умре гарчӣ аз ҳам даргурезанд.*
*Ба рӯзи гуссаву хурсандии дил,*
*Вале ҳарду баробар ашк резанд.*

*С. 1969*

*Рафт шабҳои висоли ошиқӣ,*
*Дар дил аз уммедҳо чизе намонд.*
*Хест тӯфони балои баҳри ишқ,*
*Ҳар дуро маъюс дар соҳил нишонд.*

*С.1966*

*xxx*

*Ба рӯи навматои сурх дастони латифи ту*
*Аҷаб шерозаҳо баста, намояд нақши гулдӯзӣ,*
*Зи ишқи худ сарафрозӣ, дар он дилро барафрӯзӣ.*
*Ту медӯзӣ камарбанд аз барои ӯ ба уммеде,*
*Нагардад сустпаймон, аҳди худро сахттар бандад.*
*Ту медӯзӣ камарбанд аз барои навҷавонбахте,*
*Биёяд то ба азми зиндагии нав камар бандад.*

*С.1965*

*Шамоли шӯхшанги тирамоҳӣ*
*Табиатро либос аз тан кашидаст.*
*Хазонро ҷамъ карда навниҳолон*
*Чу духтар пой бар доман кашидаст.*
*С.1969*

## *Катибаи сурат*

*Бо русуми ишқбозон суратамро*
*медиҳам,*
*То чу сурат монам андар чорчӯби*
*ошиқон.*
*То бихобам дар варақҳои китобу*
*дафтарат,*
*Ҳар гаҳе бар даст гирӣ, суратамро*
*бахшӣ ҷон.*
*Ҷамъ ояд духтарон дар хонаат*
*ҳар иду тӯй,*
*То мисоли ҷом гардам байни дасти*
*духтарон.*
*Ҳар каломи ошиқона пеши ман*
*ногуфтаӣ,*
*Суратамро пеши худ хониву бикшоӣ*
*забон.*

*С.1970*

## *Катибаи сурат*

*Суратамро бингару аҳволи зори ман*
*бипурс,*
*Мижатаҳнокардаро аз чашми чори*
*ман бипурс.*
*Сатрҳои номаат манқуш бошад дар*
*ҷабин,*
*Печу тоби дил бубин, аз кору бари ман*
*бипурс.*
*Чашмҳоям дар раҳи васли ту*
*мегардад фурӯ,*
*Шаст дар гирдоб мону аз шикори*
*ман бипурс.*
*Гар наояд боварат  бар изтироби*
*ҳоли ман,*
*Рав ба суратхонаву суратнигори*
*ман бипурс.*

*С.1965*

## *Катибаи сурат*

*Донам, ки тарк карда маро меравӣ*
*зи ман,*
*Ёдам намекунӣ, ки будам бо ту*
*ҳамнафас.*
*Огӯшу бӯсаҳо зи ман осон гирифтаӣ,*
*Осон ту аҳд баставу бишкастаӣ ҳавас.*
*Ёбӣ агар нигори наве, суратам масӯз,*
*Бар дигарон маҳол будам бар ту*
*дастрас.*

*С.1970*

*Баҳори табиат, баҳори дили ман,*
*Баҳори муҳаббат, баҳори ҳаёт аст.*
*Дар он раъду борон, дар он селу тӯфон,*
*Дар он оҳу нола, дар он ҳам нишот аст.*
*Бигиряд дар он абр-дур аз замин монд,*
*Бихандад дар он гул - ба гул*
*ҳамнишин монд.*

*Яке хаҷрсӯзу, як васлёб аст,*
*Яке талхкому яке шодком аст.*
*Дар он сабза хезад чу абрӯи дилбар,*
*Кашида дар абрӯйҳо вусмаи тар.*
*Дар он шохи найсон ишорат ба душман,*
*Ки аз синаи худ бурун карда ханҷар.*
*Бимонад ба дил сурати баргҳо ҳам,*
*Дарахтон кашида дил аз синаи хок.*
*Ба мардум диҳад то ки панде зи олам,*
*Ки дунё бимонад зи одам ба одам.*
*Баҳори табиат - баҳори дили ман,*
*Зи қонуни айём орад башорат.*
*Баҳори табиат – баҳори муҳаббат*
*Ба покии ошиқ намояд ишорат.*

*С.1968*

*Гар биларзад пайкар аз сармои рӯз,*
*Ёд аз хуршеди тобон мекунем.*
*Гар битафсад пайкар аз гармои рӯз,*
*Хешро дар соя пинҳон мекунем.*

*Хушк гардад оби дарёе агар,*
*Сӯхтадил пас бӯса бар соҳил занем.*
*Гар замин ҷунбад биҷунбад осмон,*
*Аз замин, аз зиндагӣ ёд оварем.*
*Ту ки ҳоло бар висоли дигарӣ,*
*Бар савобу бар вуболи дигарӣ,*
*Бодаӣ, дар шоҷоми дигарӣ,*
*Савти сурӣ, дар мақоми дигарӣ,*
*Лек гар боре маломат бишнавӣ,*
*Аз навозишҳои ман ёд оварӣ.*

*С. 1968*

*Чу хуршед ишқ танҳову бузург аст,*
*Ба сар чун машъали уммед рахшон.*
*Гаҳе дар рӯзи васлат менавозад, -*
*Ато созад гаҳе шабҳои ҳиҷрон.*

*Ба гирдаш мо чу ахтарҳо баландем,*
*Гирифта нур бо худ мефурӯзем.*
*Зи як ишқему аз як оташи дил,*
*Вале ҳаррангаву ҳарсоз сӯзем.*

*С. 1968*

# ҚИТЪАҲО

*Ин қитъаҳои дасти ман як қитъаи*
*рӯи замин,*
*Гулдастаи боғи Ватан, як панҷа*
*нури ховар аст.*
*Як қитъаи кӯҳсори ман, як пора*
*санги сарзамин,*
*Як қуллаи уммеди ман, як чашмасори*
*навсар аст.*
*Як нохуни сурхи бутон, як қитъа холи*
*духтарон,*
*Як шомгоҳи ошиқон, як тори мӯи*
*дилбар аст.*
*Ин қитъаҳои шеъри ман, як қитъаи*
*ҳавлии мост,*
*Як зарра хоки остон, як қатра*
*шири модар аст.*

*С. 1970*

*Гардуну давр гашт дигар зиндагӣ дигар,*
*Аммо ҷаҳони ишқу муҳаббат*
*дигар нашуд.*
*Гесӯи дилбарони шӯх ихтисор шуд,*
*Ҳаргиз фироқ дар шаби мо*
*мухтасар нашуд.*
*Кӯтаҳ шуданд остину домани бутон,*
*З-ин сӯзи дил баланд шуду*
*пасттар нашуд.*
*Лабҳо гулоб гаштаву нохун шаробранг,*
*Он маст кист к-аз назараш*
*масттар нашуд?*
*Инсон зи моҳ бӯса зада орзу шикаст,*
*Нақше ба рӯи дилбари мо*
*пайсипар нашуд.*
*З-н рӯйи зиндагӣ ба ҳама шаҳду*
*дилфиреб,*
*Дар мулку ҷоҳи ишқ касеро зафар нашуд.*

*С.1970*

*ххх*

*Чун тег дар гилоф аст асрор дар*
*дили ман,*
*Пинҳон гирифта гардам тарсам*
*хатар бароянд.*
*Асрори шӯрқалбам нахли муҳаббати*
*мост,*
*Сарсабз гашта ҳар дам бас*
*тозатар бароянд.*
*Асрори шӯрқалбам бори ҷудоии мост,*
*Нахлест сар бибурранд аз нав*
*ба сар бароянд.*
*Ҳар кори кардаи мо айёми ишқбозӣ*
*Асрор гашта акнун печидатар бароянд.*
*Ҳар лафзи гуфтаи мо дар боби*
*ишқварзӣ*
*Асрори боб гашта бо лафзи тар бароянд.*
*Аз ҳамдигар ҷудоем бо ғайр ошноем,*
*Чун рӯ ба рӯ биёем аз мо*
*шарар бароянд.*
*Гаҳворасон бичунбад аз шарм*
*пайкари мо,*
*Ғаш карда мисли кӯдак дил аз*
*назар бароянд.*

*Асрори шӯрқалбам тухми камоли*
*меҳр аст,*
*Дар худ бипарварам ман, то*
*бо самар бароянд.*

С.1970

*Ҷуз мисрае, ки пайкари гулдухтарон*
*кашад*
*Дар боби ишқу ошиқӣ моро китоб нест.*
*Аз бори ҷабру зулми замон инқилоб*
*хест,*
*Сахт аст ҷабри ишқ вале инқилоб нест.*
*Ҳарчанд пора-пора шавад қалби ошиқон,*
*Уммед маскан аст, асло хароб нест.*

С.1970

*Бирезад барги шохони дарахтон,*
*Бихезад чанги баргони дарахтон.*

*Ба болои сарам турна қатор аст,*
*Равон оҳиста ҳамчун ашки чашмон.*
*Табиат шуд дигар, фасли дигар шуд,*
*Хазон омад, хазони тирамоҳон.*
*Вале ман боз меистам дар он ҷой,*
*Ки будам бо ту дар фасли баҳорон.*
*Ба дастам гул, баҳор аз ман*
*нарафтаст,*
*Ба роҳат менишинам боз пазмон…*

*С.1970*

*Ҷоно, куҷо бихонам шеъру суруди худро,*
*Хуштар зи хандаҳоят бар ман*
*таронае нест.*
*Хоҳам ба ҳар баҳона бар хонаат*
*равам ман,*
*Аммо чӣ чора созам дигар баҳонае нест.*
*Хар шом роҳ поям, дил дар*
*раҳат кушоям,*
*Ободтар бар ошиқ ҷуз кӯча хонае нест.*

*Аз шеваи хиромат фаҳмам, ки*
*пайкари туст,*
*Аз бахту аз муродам боқӣ*
*нишонае нест.*
*Аз ишқ ҳарчӣ зояд, номи баланд бояд,*
*Дар мазраи само бин, ҷуз меҳр*
*донае нест.*

*С.1969*

*Гаҳ қаҳр карда ёре аз ман канора гирад,*
*Хуш лаҳзае, ки аз раҳ ёри дигар барояд.*
*Ё ман сиёҳбахтам, ё қалби ёр сахт аст,*
*Ҳар гоҳ ман биёям, кори дигар барояд.*
*Аз ишқ лаб кушоям, аз шарм рӯй пӯшад,*
*Дар рӯи чун анораш нори дигар барояд.*
*Бо зор-зор оям, «безор» гуфта ронад,*
*Тарсам, ки аз барояш зори дигар барояд.*

*С.1970*

*Бар канораш мекашад шаб ахтаронро*
*осмон,*
*Моҳи нав бар осмон аз рашк нохун*
*мезанад.*
*Тар шавад домони субҳ аз ашки*
*ҳасратҳои шаб,*
*Ҳамчу шабнам дарди ишқ охир ба берун*
*мезанад.*
*Осмонро дида базми тӯи ту орам*
*ба ёд,*
*Дар равоқи чашми мастам акси гулгун*
*мезанад.*
*Бо суруди «ёр-ёр», «оҳ!» аз паи*
*дилдор рафт,*
*Мижа чун ҷорӯби тар бар хоки гулбун*
*мезанад.*
*Субҳ хандад, офтоб ояд бурун аз*
*хонааш,*
*Ин сари савдозада худро ба гардун*
*мезанад.*

*Мехурӯшад кафк карда дил ба ёдаш*
*мавҷсон,*
*Дил матои кӯҳнаро бар кафки собун*
*мезанад.*
*Даст нохун, пой нохун-дасту по дар*
*«нохунак»,*
*Лек миқрози ҳақиқат сар ба нохун*
*мезанад.*

*С.1970*

*ххх*

*Рафтӣ, нигор, монд дили шармсори ман,*
*Будӣ баҳор бо ману бурдӣ баҳори ман.*
*Чун кӯҳҳо қарор будам дар вафову меҳр,*
*Будӣ қарор бо ману бурдӣ қарори ман.*
*Он кӯчаҳои мову ту холист дар назар,*
*Дигар кӣ мешинад ба раҳи интизори ман?*
*Рафтӣ чу оби чашмаву чун ашки чашми ман,*
*Эй ишқи аввалини ману чашмасори ман!*

*С.1965*

*Ин гунча ва ё хотами дастони*
*нигор аст?*
*Ё хандаи мастонаи чашмони хумор аст?*
*Ё соқии айём нишаста ба сари сабз,*
*Дар ҷоми муҳаббат ҳамаро*
*бодагусор аст?*
*Ё ёр зада хайма ба як гӯшаи гулбоғ,*
*Бо ошиқи сармаст дар оғӯшу канор аст?*
*Ин гунча ва ё обилаи панҷаи деҳқон?*
*Ё тифли биахуспидае дар батни*
*баҳор аст?*

*С.1965*

*Духтар нишаста бар лаби ҷӯ гиря*
*баргирифт,*
*Аз ҷоми ишқ оқибат ин чашми тар*
*гирифт.*
*Бар об дарди дил кунаду рози дил барад,*
*Охир, чаро зи дасти писар бехабар*
*гирифт?*

*Афсун кӣ кард домани исмат*
*зи даст дод?*
*Аз шаҳди васл масткунон з-ӯ шакар*
*гирифт.*
*Чун тифл софдил буду аз ишқи аввалин,*
*Бо меҳр сеҳр кардаву аз вай назар*
*гирифт.*
*Аз бӯса сабз гашта ниҳоли умеди ӯ,*
*Ин нахл боз парварад он кас, ки бар*
*гирифт.*

*С.1966*

*Гар набошад косаи лабрези баҳри*
*шӯргар,*
*Аз куҷо бар кӯҳсорон чашмаҳо пайдо*
*шаванд?*
*Гар набошад шӯълаи хуршед дар тоқи*
*сипеҳр,*
*Дидаи сайёраҳояш аз куҷо бино шаванд?*

*Гар набошад гӯшае осуда дар рӯи замин,*
*Аз куҷо осудагӣ дар қалби модарҳо*
*шаванд?*
*Гар замини нозпарвар зери по сарпаст*
*нест,*
*Аз куҷо сарҳои пургавгои мо боло*
*шаванд?*
*Гар ба гаҳвора намеҷунбонд модар*
*тифлро,*
*Аз куҷо имрӯз фарзандон фалакпаймо*
*шаванд?*

*С.1969*

*Фақат як орзӯ дорам, раҳи дилдодаҳо*
*пӯям,*
*Ба уммеде, шавад рӯзе балои ошиқон*
*гирад.*
*Бинои ишқ месозам, ба дарди ишқ*
*мебозам,*
*Ҳидоят мекунам дилро дар ин раҳ ошён*
*гирад.*

*Аҷаб давру замон омад ба кобини рухи*
*дилбар,*
*Кунун дасту дили мо остини ахтарон*
*гирад.*
*Агарчӣ рафтуомад гашт осон дар раҳи*
*кайҳон,*
*Маҷоле нест ошиқро, ки роҳи дилбарон*
*гирад.*
*Рухи поки муҳаббатро ба чашми пок*
*бояд дид,*
*Битарс, эй булҳавас, охир дуои*
*духтарон гирад.*

*Бо чунин нозу адою бо чунин қадди расо,*
*Ваҳ, чӣ зебо мехиромад дилбари*
*шимпӯши мо.*
*Метапад дил, мезанад дил бо мароми*
*гаштанаш,*
*Бо хаёли қомати ӯ пур шавад огӯши мо.*

*Сурмаи чашми сиёҳу сурхии лаъли лабаш*
*Мекашад ҳарфи муҳаббат аз лаби*
*хомӯши мо.*
*Ҳалқа аз гӯшаш кашиди гуфтугӯе*
*мекунад,*
*Як сухан гӯем агар мо мекашад*
*аз гӯши мо.*
*Бори ишқу ошиқиро тӯшаи раҳ кардаем,*
*Эй хушо, ин бар будӣ доимо ба дӯши мо.*

*С.1970*

*Хилъати испед дар бар бар сари*
*беморҳо,*
*Ҳар нафас аз дасти ҷонбахшат ба кас*
*дармон расад.*
*Хилъати испед дар бар чун либоси*
*субҳи нав,*
*Аз бари домони шабҳо ахтари*
*тобон расад.*

*Чашмаи меҳру навозиш, чашмаи*
*уммедҳост,*
*Чашми ту гар лаҳзае бар чашми*
*беморон расад.*
*Ҳамчу абрӯ менишинӣ рӯзу шаб*
*болои чашм,*
*То касал чашмаш кушояд, дардро*
*дармон расад.*
*Зинда гардад мурдае аз қатраи*
*доруи ту,*
*Сабза аз нав ҷон бигирад қатраи*
*борон расад.*
*Гул кунад бар лаб табассум аз шифои*
*марҳамат,*
*Бар димоғи дардмандон гунчаи*
*хандон расад.*

*С.1970*

*Бо зина мебарой, бо зина мефарой,*
*Пасту баландии ту дар роҳи мо*
*суҳон аст.*
*Аз паст бар баландӣ душвор роҳ*
*рафтан,*
*Аз баҳри сарфарозӣ қомат хами*
*камон аст.*
*Осон бувад давидан дар роҳи рост, аммо*
*Ин хоксори кӯча бозии кӯдакон аст.*
*Шахсе башаст гардад, чанг аз*
*қафо барояд,*
*Гӯсоларо давидан то пеши коҳдон аст.*
*Ҳам лаълро бигирӣ, ҳам ёри ту*
*наранҷад,*
*Доим туро хаёли як тиру ду нишон аст.*
*Бо зина мебарой, бо зина мефарой,*
*Бори хушомадатро бардоштан*
*гарон аст.*

*С.1980*

# *БАНДҲО, ПАЙВАНДҲО*

## *СӮЗАНӢ*

*Тамоми шаб нахуфта модари ҷон,*
*Чароғи хонааш то рӯз афрӯхт.*
*Ба сӯзан риштаҳоро карда пайваст,*
*Барои наварӯсаш сӯзанӣ дӯхт.*
*Варо овехт пас бо дасти ларзон,*
*Дилаш симобсон дар изтироб аст.*
*Ба гирди сӯзанӣ чун ҳалқа гардад,*
*Ба сони риштаҳо дар печу тоб аст.*
*Ана, бингар, ки он ҳамчун харита*
*Бари девори ҳар хона кашол аст.*
*Заминрову замонро карда тасвир,*
*Дар он садранг, сад гуна хаёл аст.*
*Дар он аст орзуву бахти модар,*
*Дар он боби муҳаббат гашта оғоз.*
*Дар он аст изтироби ошиқона,*
*Ҷавониаш дар он аст аксандоз.*
*Дуои неки модар ҳаст дар он,*
*Ба фарзандаш, арӯсаш карда тақдир.*
*Ҳамин як сӯзанӣ мисли харита*
*Ҷаҳони қалби модар карда тасвир.*

## *БА МУАЛЛИМ*

*Аз харита ёфтам ман арзу тӯли*
*зиндагӣ,*
*Дар харита кофтам то хешро пайдо*
*кунам.*
*Ман зи тори мӯи асфедаш ҳисоб*
*омӯхтам,*
*То ба ҳар тораш умеду орзуро ҷо кунам.*
*Ту ба дастам хома додӣ, то шавад*
*ҳамрози ман,*
*То ки ҳамчун такячӯби нахли*
*мақсудам шавад.*
*Чун асое роҳ ҷӯяд, пештар аз ман равад,*
*То маро аз хатти дафтар бар раҳи*
*фардо барад.*

*С.1969*

## *ХАРИТА*

*Нигар, рӯи харита ранг бар ранг*
*Ҷаҳонро дар худаш тасвир кардаст.*
*Гуногун аст дунё – фикри инсон,*
*Ки ҳар як мамлакат ранге гирифтаст.*
*Чӣ хуш мебуд, агар халқи ҷаҳонро*
*Миёни ҳамдигар беҷанг бинем,*
*Назар созем ҳар гаҳ дар харита*
*Зи сар то сар варо якранг бинем.*

*С.1966*

## *БА ҲАМСАРАМ РАЪНО*

*Ҳафт фарзандон бароям ҳафт ганҷ,*
*Ҳафт ахтар дар самои зиндагӣ.*
*Ҳафт шамъе мефурӯзад баъди ман,*
*Ҳафт хона мекунад тобандагӣ.*
*Бо Муҳибулло Мунира нур шуд,*
*Бо Насиб Ҷамшед шуд дар Анҷуман.*
*Бо Ҳафиза оила Мастона буд,*
*Зинда бошу ҷилва соз андар чаман.*

## ПАЙВАНД

Биншаста ба гирди хона неъмат:
Кӯдак, падари азиз, модар,
Пурсид падар: - Бигӯ писарҷон,
Аз мо ту кадом бинӣ беҳтар?
Кӯдак ба падар, ба модар онгаҳ
Бинмуда назар табассуме сохт.
«Хубед шумо», бигуфту худро
Бар оғӯши модараш биандохт.

С.1965

Вазида боди яъси тирамоҳӣ,
Зи ҷоми номуродӣ гӯи сармаст.
Биафтад баргҳо аз шох бар шох
Чу тобуте, ки гардад даст бар даст.
Кушода бар само дастони худро
Дарахтон урён, бо сӯгворӣ
Кашида аз бари домони хуршед
Чу кӯдак домани модар ба зорӣ.

С.1973

## ҚАБРҲОИ ФУРӮРАФТА

*Бидидам қабрҳои кӯҳна гашта,*
*Фурӯ рафта, чу дунёи гузашта,*
*Даҳони ҳасрати худ боз карда*
*Ба мо гӯянд асрори нагуфта:*

*Ки мо обилаи дасти замонем,*
*Чу зардобем, дар чашми ҳубобем.*
*Гиреҳ афтода мо бар домани хок,*
*Агарчанде гиреҳе бас кушодем.*

*Ниҳон дардем дар ҷисми заминем,*
*Замоне аз замона дард дида,*
*Фурӯ рафтем дар худ кӯҳна гаштем,*
*Ба сони захмҳои навкафида.*

*Даме моро парасторӣ намоед,*
*Ҷароҳатҳои моро ёд пошед.*
*Ба хок афтода зинда бо шумоем,*
*Ба мо ҳам дастаҳои гул гузоред.*

*С.1971*

## *КАТИБАИ САНГИ ЁД*
### *(Дар санги мазори падару модарам)*

*Модарам, моҳи дарам кард ғуруб,*
*Падарам, пойи дарам рафт фурӯ.*
*Бар дари хона нишинам шабу рӯз,*
*То кунад ҳар ду аз ин хона тулӯъ.*
*Чашмам аз хона баромад зи нигоҳ,*
*Дар раҳи диданашон танг шудам.*
*Оначон, отаи ҷонам, нигаред*
*Дар сари гӯри шумо санг шудам.*

*С.1992-94*

## *ГИРЕҲ*

*Насозӣ то гиреҳ ангушт*
*Гиреҳеро набикшоӣ.*
*Чу по аз ҳам ҷудо гашта*
*Раҳи мақсуд паймоӣ.*

*Нигар, ин пистаи кӯҳӣ*
*Зи байни санг мерӯяд.*
*Зи тақдираш намешӯрад,*
*Ғизо аз санг меҷӯяд.*

*Шикоят мекунӣ, эй дӯст,*
*Чаро бахтам наметобад?*
*Нигоҳи зиндагӣ каҷ шуд,*
*Маро ҳаргиз намеёбад.*

*Ту худ чун оташе бархез,*
*Ба чашми зиндагӣ бинмой.*
*Гиреҳ бинмуда дастонат,*
*Гиреҳи зиндагӣ бикшой.*

*С.1965*

*ххх*

*Ба тори дил мазан беҳуда нохун,*
*Парастиш кун дили дилпарварамро*

*Лаҷоми бегамии худ раҳо кун*
*Азизам, бар гами ман ханда манмо.*
*Биёмӯз ибрате аз дидагонат*
*Ки умре гарчӣ аз ҳам даргурезанд.*
*Ба рӯзи гуссаву хурсандии дил,*
*Вале ҳарду баробар ашк резанд.*

*С.1968*

**Магар, ки пир гаштаам?...**

*Зи умр рафт шасти ман,*
*Кушода банду басти ман,*
*Кабӯтари ҷавониам,*
*Раҳо бишуд зи дасти ман,*
*Магар, ки пир гаштаам?*

*Ба хонае, ки меравам*
*Маро ба пешгаҳ кашанд,*
*Чу як мусофири гариб*
*Зи рӯи роҳ мебаранд,*
*Магар, ки пир гаштаам?*

*Ба даст бори рӯзгор*
*Ба сӯи хона раҳсипор,*
*Бидида баччаи шинос*
*Зи дасти манн гирифт бор,*
*Магар, ки пир гаштаам?*

*Нишинам ар ба мошине*
*Барои ман диҳанд ҷой,*
*Маро бидида мӯйсафед*
*Нигаҳ кунад ба дасту пой,*
*Магар, ки пир гаштаам...*

*С. 2006*



Падар

1911-1994



Модар

1920-1992



Бо шоирони кулолӣ ва Сарвар



Ҷамшеди хонадон



Банда дар рузномаи
"Комсомоли Тоҷикистон"
с 1969



Авлод



Аҳли байт



Дар домани "Тахти Қубод"

## Пасгуфтор

Тақдир маро бо Раҳим Амин ҳамсоя ва дӯст кард. Меҳраш ба адабиёту шавқаш ба гуфтани шеър, хоксорӣ ва зиндагии бесалаботи хонаводагӣ рӯз ба рӯз ӯро бо ман ҳамнишин месохт. Ҳатто солҳои ҳаштодум асри гузашта, вақте ки дар вилояти дурдаст ва кӯҳсори Афғонистон - Ғур кор мекардам, Раҳим Амин дар ҳамсоягиам афтид. Чӣ гуна аз ин тасодуф хурсанд шудани моро танҳо Парвардигор медонату бас.

Раҳим Амин соли 1964 дар гузари болои ноҳияи Қубодиён вилояти Хатлон таваллуд шудааст, ки дар гузаштаҳои дур маркази фарҳангӣ ба ҳисоб мерафт ва осори таърихии он имрӯҳо ҳам барҷост, ки аз ҷумла Қуммазор ва Қалъаи мир мебошад.

Ӯ соли 1964 мактаби миёнаи ба номи Абӯабдуллои рӯдакиро тамом карда, ба факултети таъриху филилогияи Университети Давлатии Точикистон ба номи В.И.Ленин (ҳоло Донишгоҳи Миллии Давлатии Тоҷикистон) дохил мешавад

ва онро соли 1969 бомуваффақият хатм мекунад.

Раҳим Амин дар давраи донишҷӯӣ муҳассили фаъол ва ҷамъиятӣ буд ва ба маҳфили "Адибони ҷавон"-и Университет сарварӣ кардаст. Таҳти роҳбарии ӯ маҳфилҳои адибӣ бо иштироки адибони номдори ҷумҳурӣ мегузаштанд. Тавассути телевизион ва радиои Точикистон адибони ҷавон шеъру ҳикояҳо мехонданд.

Фаъолияти адибии Раҳим Амин диққати кормандони рӯзномаи "Комсомоли Точикистон"-ро ҷалб кард. Аз нимаи дуюми курси панҷум ӯро барои кор дар рӯзнома даъват намуданд. Мавсуф то соли 1975 дар ин рӯзномаи он солҳо овозадори ҷавон кор карда, сонӣ ба Комитети давлатии телевизион ва радиои назди Совети Вазирони Тоҷикистон ба кор гузашт. Дар ин ҷо ба ӯ боварӣ карда, радиожурнали ҳаҷвии "Сӯҳбати дӯстон"-ро супориданд. Ҳамгони кор дар ин маҷаллаи бонуфуз қобилияти ҳаҷвнигории Раҳим Амин ошкор гардид. Маҷаллаи ҳаҷвӣ фиребгарон, порахӯрон,

ҳаромкорон, беинсофон, танбалон, дурӯяю зарароварони ҷамъиятро зери танқид мегирифт ва мағзро аз пӯст ҷудо мекард. Ҳамин буд, ки ба муносибати 50-солагии таъсисёбии тулевизиони СССР (1931-1981) ба Ифтихорномаи Комитети Давлатии телевизион ва радиои Иттиҳоди Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ сазовор гардид.

Раҳим Амин моҳи майи соли 1983 аз тариқи ҳарбӣ ба хизмат даъват мешавад ва то моҳи июни соли 1985 дар Ҷумҳурии ДемократииАфғонистонбаҳайситарҷумони ҳарбӣ хизмат мекунад. Хизматаш дар ин сарзамин бо ордени "Ситораи Сурх" ва чандин медалҳо зиёде қадр карда шудааст.

Раҳим Амин аз соли 1975 рӯзноманигори варзида, узви Иттиҳоди журналистони Ҷумҳурии Таҷикистон аст. Солҳои зиёде дар маҷаллаи "Занони Тоҷикистон" ("Фирӯза"), АМИТ Ховар" "Паёми Душанбе" кор кардааст. Очерку мақолаҳояш ба масъалаҳои ҷолиби диққати ҷомеъа бахшида шудаанд. Муаллифи қиссаҳо,

очерку мақолаҳо, фелетону ҳаҷвияҳо зиёде мебошад.

Аз сол 2003 то ба имрӯз дар Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси муҳаррири варзидаи радио фаъолият дорад.

Солҳоест, ки шеър думболагири Раҳим Амин ва Раҳим Амин думболагири шеър аст. Ашъораш дар рӯзномаҳои "Комсомолии Тоҷикистон", (ҳоло "Ҷавонони Тоҷикистон"), "Тоҷикистони советӣ" ҳоло "Ҷумҳурият", "Паёми Душанбе", маҷаллаи "Садои Шарқ" ва маҷмӯаҳои ҷамъиятӣ ба табъ расидаанд. Дар тарҷумаи шеърҳо низ қувваозмоӣ мекунад. Мунтахаби шеърҳои адиби ӯзбекзабони Тоҷикистон Санавбвр Ал-лаеваро ("Ёди ёр", нашриёти "Адиб", с. 2002) ба тоҷикӣ басо равону хушоҳанг ба назм кашидааст.

Раҳӣм Амин дар сурудони шеър бисёр эҳтиёткор аст. Кам мегӯяд ва хуб мегӯяд. Инак, хонандаи азиз, маҷмӯае, ки дар даст доред, ба муносибати 60-солагии Раҳим Амин ба чоп расидааст ва ба таври рамзӣ 60

шеъри шоирро дар бар мегирад. Мутолиа кунед ва худ қазоват намоед, ки ҷаҳони Раҳим Амин чӣ ранге ва чӣ бӯе дорад.

*Равшани Ёрмуҳаммад*
*Корманди Шоистаи Тоҷикистон,*
*дорандаи Ҷоизаи адабии ба номи*
*Садриддин Айнӣ*

## МУНДАРИЧА

Пешгуфтор ........................................3
Шасти ҳаёт ........................................7
Забони модарӣ.................................... 12
Манзили уқобон.................................. 14
Дарёи нур............................................ 15
Фариштаи сол...................................... 16
Дурри Ватан ......................................18
Марзи кишвар...................................... 22
Андоз бипардоз................................... 23
Ворисн раҳбарон..................................26
Ин ҷо Душанбе ................................... 28
Нишони духтари тоҷик ....................... 30
Ишқи ҷавонӣ...................................... 32
Қитъаҳо ..............................................47
Бандҳо, пайвандҳо.............................. 63
Сузанӣ ...............................................64
Ба муаллим......................................... 65
Харита ...............................................66

Ба ҳамсарам Раъно ........................ 66
Пайванд ........................................67
Қабрҳои фурӯрафта ......................68
Катибаи санги ёд......................... 69
Гиреҳ .............................................69
Магар, ки пир гаштаам .....................71
Пасгуфтор .......................................73